**ХУЛОСАИ НИҲОИИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ**

**Парвандаи аттестатсионии №___________**

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 03.03.2023, №09**

Барои сазовор донистани диссертатсияи Халифазода Саидаҳтам дар мавзуи «Такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир (дар мисоли Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси **08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Диссертатсияи Халифазода Саидаҳтам дар мавзуи «Такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир (дар мисоли Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси **08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз** санаи 16 декабри соли 2022, барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №20-и Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, хиёбони Нахимова 64/4), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07.01.2022 с. таҳти №13/ш.д. таъсис дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Халифазода Саидаҳтам шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 23-уми октябри соли 1976 дар ноҳияи н.Рӯдакӣ таваллуд шудааст. Халифазода С. соли 1993 ба факултаи "Молиявӣ – иқтисодӣ" ДДМТ, ихтисоси "Иқтисоди байналмиллалӣ" дохил шуда, соли 1999 онро бомуваффақият хатм намудааст. Давоми солҳои 2017 – 2021 дар шуъбаи аспирантураи ғоибонаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси ихтисоси молия таҳсил намудааст.

Диссертатсия дар кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Шералиев Эмомалӣ Нуралиевич** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молияи ДДМИТ.

**Муқарризони расмӣ:**

**Улуғхоҷаева Хосият Рауфовна -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Қурбонов Абдукарим Раҳимович -** номзади илмҳои иқтисодӣ, дар замони таъин шуданаш ҳамчун муқарриз (16.12.2022) вазифаи декани факултети молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро ба

зимма дошт, вале 3 январи соли 2023 номбурда аз вазифаи деканӣ ба тариқи интиқол ба вазифаи мудири кафедраи андоз ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон гузашт.

**Муассисаи пешбар** Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Маъмуров Анварҷон Маҳмудович омода шуда, дар ҷаласаи ҳамин кафедра баррасӣ ва муҳокима гардида (суратҷаласаи №6, аз 16.01.2023) ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, профессор Шарифзода М.М. тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз қайд карда шудааст, ки диссертатсияи Халифазода Саидаҳтам дар мавзуи «Такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир (дар мисоли Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи навгониҳои таҳқиқот тибқи шиносномаи номгӯйи ихтисосҳои КОА дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи самти ихтисоси **08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз** иҷро гардида, кори диссертатсионии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз рӯи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ, ки бо “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Халифазода Саидаҳтам барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои **08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз** сазовор мебошад. Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 9 интишороти илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:**

**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

[1-М]. Халифазода С. Мавқеъ ва аҳамияти имтиёзҳои андозӣ дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С. Халифазода, Э.Н. Шералиев // Паёми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.- Душанбе, 2019. -№ 1 (17). -С. 36-45. ISSN 2663-0389.

[2-М]. Халифазода С. Таҷрибаи хориҷӣ оид ба такмили механизми маъмурикунии андоз. Қисми I. [Матн] / С. Халифазода, Э.Н. Шералиев // Паёми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.- Душанбе, 2022. -№ 1 (30). -С. 149-158. ISSN 2663-0389.

[3-М]. Халифазода С. Ҷанбаҳои методологии такмили механизми маъмурикунонии андоз дар шароити буҳрони молиявӣ –иқтисодӣ [Матн] / С. Халифазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.- Душанбе, 2022. -№3 (30). -С. 194-204. ISSN 2413-5151.

[4-М]. Халифазода С. Теоретические аспекты формирования и развития механизма налогового администирирования в условиях условиях рыночной экономики [Матн] / С. Халифазода, Э.Н. Шералиев // Вестник Таджикского государственного университета коммерции.- Душанбе, 2022. -№4. -С. 146-155. ISSN 2308-054X.

[5-М]. Халифазода С. Таҷрибаи хориҷӣ оид ба такмили механизми маъмурикунии андоз. Қисми II. [Матн] / С. Халифазода // Паёми Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2022. -№1. -С. 216-225. ISSN 2664-0651.

[6-М]. Халифазода С. Ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир. [Матн] / С. Халифазода // Паёми Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур. - Душанбе, 2022. -№4. -С. 207-207. ISSN 2074-5435.

**Дар дигар нашрияҳо:**

[7-М]. Халифазода С. Ҷанбаҳои назариявии такмили механизми маъмурикунонии андоз дар шароити буҳронӣ [Матн] / С. Халифазода, Э.Н. Шералиев / Конфронси ҷумҳуриявии илмӣ- амалӣ дар мавзӯи Вазъи низоми бонкиии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи пандемияи коронавирус. – ш. Кӯлоб 2021.- С. 333.336.

[8-М]. Халифазода С. Ҷанбаҳои методологии такмили механизми назорати андоз дар шароити иқтисоди бозор [Матн] / С. Халифазода, Э.Н. Шералиев / Маводи конфронси ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи “Механизми татбиқи сиёсати баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити индустриаликунонии мамлакат”. -Душанбе, 2021.-С. 305-308.

[9-М]. Халифазода С. Танзими назорати андозӣ дар шароити буҳрони молиявӣ- иқтисодӣ. [Матн]  / С. Халифазода, Э.Н. Шералиев / Маводи конфронси байналмилалӣ дар мавзӯи “Тоҷикистон дар низоми муосири муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналмилалӣ”. -Душанбе, 2021. -С. 131-134.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Султонов З.С.** – д.и.и., профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

1) Чуноне аз автореферат бармеояд, муаллиф дар диссертатсияи худ усулҳо ва вазифаҳои маъмурикунони андозро дар шароити муосир дар шакли нақша гурӯҳбандӣ кардааст (расми 2), вале саҳми худро дар таснифоти мазкур нишон надодааст.

2) Дар автореферат бисёр андешаҳо, тавсия ва пешниҳодҳои судманди муаллиф, аз қабили зарурати таъсмини ҳамоҳанги байни мақомоти андоз ва дигар ниҳодҳои ваколатдори давлатӣ, бознигарии банақшагирии воридоти андозҳо вобаста ба минтақаҳо, воқеъбинона баҳо додани иқтидори андозии онҳо ва ғайра ба назар мерасанд, ки дар қисмати тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо инъикоси худро наёфтаанд.

**2. Азимов А.Ҷ. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори** Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон бо чунин эрод:

1) Агар муаллиф дар ҷадвали №5 (саҳифаи 26), ки дар он дурнамои воридоти андозу пардохтҳо дар сатҳи ҷумҳурӣ, воридоти андоз тибқи низоми умумӣ, ММД ва даромади субъектон тибқи низоми умумӣ, барои солҳои 2023 – 2028 оварда шудааст, ба таври мушаххас тавсифи онро ва натиҷаи ин дурнаморо пурра шаҳр медод.

**3.Комилов Н.Б.** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Мудири кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи А.Рудакӣ, бо чунин эродҳо:

1) Хубтар мешуд, агар муаллиф пешниҳоди зеринро ба назари эътибор мегирифт: расми 4 дар автореферат овардашударо (саҳ 122), ки сухан сари масъалаи танзими давлатии низоми маъмурикунонии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боз ҳам чуқуртар мавриди таҳлил қарор медод.

**4. Холназаров М.Ҳ.** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молияи Донишгохи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав бо чунин эродҳо:

1) Хубтар мешуд муаллиф зимни таҳлили маълумоти оморӣ як давраи ягонаро мавриди баррасӣ қарор медод. Ҳол он, ки дар баъзе ҷадвалҳо ва диграммаҳо солҳои 2015 – 2021, 2013 – 2021 ҳамчун давраи таҳқиқ нишон дода шудаанд.

2) Муаллиф дар модели таҳиякардааш хулоса кардааст, ки ҳангоми зиёд шудани маблағи имтиёзҳои андозӣ, воридоти умумии андоз ба коҳиш меёбад. Агар, муаллиф самаранокии имтиёзҳои додашударо ба мисолҳо таҳлил карда мебаромад, арзиши кор боз ҳам балантар мегардид.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар асоснок карда мешаванд:** интихоби муқарризони расмӣ бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ ба соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст; интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда

шудааст, ки Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***методологияи ташаккул*** ва рушди низоми маъмурикунонии андоз, нақши он дар воридоти андозҳо, таъсири он ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ *таҳия гардидааст,* ки аз усулҳо ва вазифаҳои асосии такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир таркиб ёфта, ба мукаммалгардонии низоми андозбандӣ, баланд бардоштани нишондиҳандаи фаъолияти мақомоти андоз ва таъмини татбиқи самаранокии имтиёзҳои андозӣ равона карда шуда, бо назардошти таҷрибаи такмили маъмурикунонии андоз дар кишварҳои рушдкардаи иқтисодӣ, муайян ва мушаххас гардидаанд.
- ***таърифи муаллифии*** мафҳуми «маъмурикунонии андоз» дода шудааст, ки маҷмуи қоидаҳо, тадбирҳо ва фишангҳои бо ҳам алоқаманд мебошанд, ки барои баланд бардоштани интизом ва масъулияти андозии субъектҳои дар раванди маъмурикунонии андозҳо иштироккунанда, кам намудани хароҷотҳо барои иҷрои уҳдадориҳои андозӣ, ба роҳ мондани интизоми ҳисобдории муҳосибӣ ва андозӣ, пурра баҳисобгирии объектҳои андозбандӣ ва ба он алоқаманд, додани афзалият ба худҳисобкунии маблағҳои андозӣ, таъмини ҳавасмандӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ, дар ин замина беҳтаршавии воридоти андозу пардохтҳо ба буҷети давлатӣ равона карда шудааст.
- ***омилҳои асосии*** сари вақт ворид нашудани маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатии сатҳои гуногун ***ошкор карда шудаанд:*** самаранок амал накардани низоми маъмурикунонии андоз; ҷой доштани рахнаҳо дар татбиқи амалии муқаррароти алоҳидаи Кодекси андоз; дуруст ба роҳ намондани раванди идоракунӣ дар мақомоти андоз; аз ҷумла мушаххас набудани самти фаъолияти кормандони мақомоти андоз.
- ***назарияе асоснок ва исбот карда шудааст,*** ки дар сурати тақвият додан ва мукаммал гардидани низоми маъмурикунонии андоз, истифодаи муносибатҳои нави андозӣ, назоратҳои андозӣ ба афзоиши воридоти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ, таъмини самаранокии фаъолияти мақомоти андоз, беҳтар гардидани вазъи молиявии андозсупорандагон ва ташаккули муносибатҳои шарикона бо шаҳрвандон – андозсупорандагон ноил гардидан мумкин аст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- ***самтҳо ва роҳҳои асосии*** такмили низоми маъмурикунонии андоз дар ҷумҳурӣ ***нишон дода шудаанд,*** ки аз танзими давлатии низоми андозӣ, роҳҳо ва фишангҳои махсуси назорат, аз ҷумла баҳисобгирии объектҳои андозбандӣ ва ба андозбандӣ алоқаманд, дуруст интихоб кардани объектҳои санҷиш ва самаранок гузаронидани санҷишҳои андозӣ ***иборат буда,*** ба ҷамъоварии саривақтии андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, истифодаи шаклҳои нави низоми андозбандӣ, самаранокии иқтидори андозии кишвар ва беҳдошти вазъи соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ ***нигаронида шудаанд.***

- ***консепсияи такмили*** низоми маъмурикунонии андоз бо назардошти рушди соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ ва дар асоси маҷмуи чорабиниҳои ташкилӣ - иқтисодӣ ва технологӣ, ки онҳо ба истифодаи васеи технологияи нави ҷамъоварии андозу пардохтҳо, табдилдиҳии муттасили назорати андозӣ, коҳиш додани ҳисоббаробаркуниҳои нақдӣ, танзими саривақтии пардохтҳои пулӣ, афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои ватанӣ асос ёфтаанд, пешниҳод гардидааст.

- **роҳҳои таъмини** фаъолияти самараноки мақомоти андоз дар минтақаҳои кишвар коркард ва пешниҳодҳои илман асоснокшуда оид ба такмили низоми маъмурикунонии андоз дар заминаи дуруст ба роҳ мондани ҳамгироии иттилоотии дигар мақомоти дахлдор бо мақомоти андоз, оид ба истифодаи низомҳои муосири андозӣ ва роҳандозӣ кардани технологияҳои муосир дар ҷараёни татбиқи амалии қонунгузории андоз ва кам намудани омилҳои инсонӣ ҳангоми маъмурикунонии андоз, таъмини рақобатпазирӣ, роҳ надодан ба имтиёзҳои хусусияти инфиродидошта ва бекор намудани имтиёзҳои бесамар пешниҳод шудаанд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта**

- ***ғояи*** баҳодиҳии низоми маъмурикунонии андоз бо назардошти захираҳои иқтисодӣ - молиявӣ, пешрафти инноватсияҳо ва дараҷаи тахассуси кадрҳои мақомоти андоз, баланд бардоштани масъулияти кормандони мақомоти андоз дар иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ, инчунин баланд бардоштани донишҳои молиявии андозсупорандагон ва масъулияти онҳо дар иҷрои ӯҳдадориҳои андозӣ ***таҳия ва пешниҳод шудааст***.

- ***методикаи*** арзёбии низоми маъмурикунонии андоз пешниҳод шудааст, ки дар таъмини саривақтии воридшавии маблағҳои андозӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, баҳисобгирии пурраи андозсупорандагон, объектҳои андозбандӣ, роҳандозӣ кардани корҳои тарғиботию фаҳмондадиҳӣ ва машваратӣ бо субъектҳои муносибатҳои андозӣ, таҳлилҳо ва муқоисаи ҳисоботи андоз ва маълумоти дар рафти корҳои назоратӣ бадастомада таҷассум меёбад.

- ***модели консептуалии*** баҳои самаранокии низоми маъмурикунонии андоз дар ҷумҳурӣ ***таҳия ва пешниҳод карда шудааст,*** ки он ба ҷамъоварии саривақтии маблағҳои андозӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, истифодаи самараноки имтиёзҳои андозӣ, ҳавасмандии молиявии андозсупорандагон, ки он сарфаи вақти андозсупорандагон ва бо хароҷоти нисбатан кам иҷро намудани уҳдадориҳои андозӣ, дастгирии молиявии давлатӣ ва бештар ворид гардидани андозу пардохтҳоро ба буҷети давлатӣ таъмин менамояд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки:**

- муқаррароти бунёдии назарияи молия, асарҳои классикони илми иқтисод, асарҳои олимон-иқтисодшиносони ватанию хориҷӣ оид ба масъалаҳои такмили маъмурикунонии андоз таҳлилу баррасӣ гардида, амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои ироагардида метавонанд тағйироти куллиро дар низоми муносибатҳои андозӣ, инчунин ҷорӣ намудани шаклҳои нави идоракунӣ дар фаъолияти мақомоти андоз ба миён оранд.

- натиҷаҳои илмии бадастомада ба ташаккули ҷанбаҳои назариявӣ - методологии низоми маъмурикунонии андоз ва рушди низоми андозбандӣ дар ҷумҳурӣ мусоидат намуда, қисман хулоса ва тавсияҳои илмӣ - амалии кори диссертатсионӣ, дар мақомоти андоз, ки барои ҳисоб ва пардохти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ масъуланд, аллакай истифода карда шудаанд.

- барои такмили низоми маъмурикунонии андоз истифодаи маълумотҳои таҳлилӣ ва омории асоснок ҳангоми баҳодиҳии иқтидори андозӣ, чорабиниҳои танзими давлатӣ дар шакли низомиҳои ҳавасмандиҳои андозӣ, ташкил ва назорати электронии воридшавии маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ дар заминаи муайянсозии роҳҳои дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ва пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ба соҳаҳои фаъолияте, ки дар ҳақиқат ба он эҳтиёҷ доранд ва роҳ надодан ба пешниҳоди имтиёзҳои хусусияти инфиродӣ дошта, дастгирии давлатии соҳибкорон, ки ба фаъолияти истеҳсолӣ машғул мебошанд, ***тавсия шудааст.***

- ***чораҳои*** танзими давлатии такмили низоми маъмурикунонии андоз дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ **муайян карда шудаанд**, ки онҳо ба истифодаи фишангҳои махсус, ба мисли ҳавасмандгардонии субъектҳои дар ҷараёни маъмурикунонии андоз иштироккунанда барои сари вақт ва мустақилона ва бе дахолати мақомоти андоз иҷро намудани уҳдадориҳои андозӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосири итилоотӣ дар ҷамъоварии андозҳо ва пардохтҳо, ҷалби бештари сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ ба соҳаҳои

асосии иқтисодиёт ва дар ин замина беҳтар намудани раванди ҷамъоварии андозу пардохтҳо ба буҷети сатҳҳои гуногун мусоидат мекунанд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ***ғояи*** илман асосноки дар пояи таҳқиқотҳои олимони соҳаи иқтисодиёт, омӯзиши асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ оид ба такмили низоми маъмурикунонии андоз ***пешниҳод гардидааст,*** ки идоракунии самараноки мақомоти андози Тоҷикистон, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти андозро бо субъектҳои хоҷагидорӣ (андозсупорандагон) ва дигар мақомоти дахлдори давлатӣ, ки дар ҷараёни маъмурикунонии андозҳо иштирок мекунанд, дар назар дошта, ба бунёди имкониятҳои воқеӣ ва пайдоиши ҳавасмандии иқтисодии пардохти саривақтии маблағҳои андозӣ мусоидат мекунанд.

- ***консепсияи мувофиқсозии*** манфиатҳои субъектҳои соҳибкорӣ ва буҷети давлатӣ дар симои мақомоти андозӣ кишвар бо назардошти рушди низоми молиявӣ - андозӣ ва вазъи молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ ***таҳия гардидааст.***

- ***равиши*** илман асосноккардашудаи истифодаи меъёрҳои андозӣ дар фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар заминаи гузаштан ба усулҳои пешқадами идоракунии мақомоти андоз, чораҳои ҷорӣ намудани ҳавасмандкуниҳои иловагии молиявӣ, ки дар маҷмуъ самаранокии низоми маъмурикунонии андоз ва низоми андозбандиро таъмин менамоянд, ***пешниҳод карда шудааст.***

- нақшаи низомҳои асосии танзими ҷамъоварии самараноки маблағҳои андозӣ барои рушди ояндаи иҷтимоӣ - иқтисодӣ дар асоси принсипҳо ва вазифаҳои назорат ва санҷишҳои андозӣ коркард шудааст, ки ба ҳалли масъалаҳои ташкилӣ - технологӣ ва дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ равона гардида, ба рушди истеҳсолоти ватанӣ ва рақобатпазирии корхонаю ташкилотҳо мусоидат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки:**

- дар такмили низоми маъмурикунонии андоз дар асоси коркарди усулҳои аз нигоҳи илмӣ асоснок ва объективӣ пурзӯр намудани низомҳо ва фишангҳои назоратӣ оид ба сари вақт пардохт намудани маблағҳои андоз, пешниҳоди стандартҳо ва меъёрҳои андозӣ, чораҳои ҳавасманд намудани андозсупорандагон барои ихтиёран ва дар мӯҳлатҳои муқаррашуда иҷро намудани ӯҳдадориҳои андозӣ, назаррас мебошад.

- иштироки шахсии унвонҷӯ дар роҳи ба даст овардани натиҷаҳо аз иштироки он дар ҷамъоварии маълумот, коркарди онҳо, тафсир, таҳлил ва банизомдарорӣ дар тамоми марҳилаҳои омӯзиш; таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба истифодаи ин маводҳо, таҳқиқи таҷрибаи кишварҳои пешрафта дар самти

маъмурикунонии андозҳо ва татбиқи он дар низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мегардад.

- пешниҳоди алоҳидаи муаллиф аз ҷониби Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қисман дар рафти таҳияи Кодекси андоз, ки аз 01.01.2022 мавриди амал қарор дорад ва тағийру иловаҳои ба он воридшуда, қисман ба инобат гирифта шудаанд.

- дар омода ва нашр намудани 9 кори илмӣ, аз ҷумла 6 - тои он дар маҷаллаҳои шомили фехристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи мавриди таҳқиқ иборат аст.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 03.03.2023 қарори сазовор донистани Халифазода Саидаҳтам бо дараҷаи илмии номзади илмҳои иқдисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва карз ба овоз монда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 12 нафар, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар. Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ - 15 нафар, муқобил нест, бетараф нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор — Факеров Ҳ.Н.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ — Убайдуллоев Ф.К.

**03 марти соли 2023**